# Гиряи замину осмону мавҷудот дар шаҳодати Имом Ҳусайн алайҳиссалом

Илёс Қосимов

## Муқаддима

Дар ин китоб мехоҳем бо ахбори мутавотиру фаровони исломӣ аз азодориҳои замину осмону ҷинҳо дар шаҳодати Имом Ҳусайн алайҳиссалом ва ҳамчунин гиряҳои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи барои шаҳодати Имом Ҳусайн ошно хоҳем шуд. Ҷолиб аст бидонем онқадр ин масъала назди Худованди Мутаол муҳим буда аст, ки беш аз панҷоҳ сол пеш аз шаҳодати Имом Ҳусайн алайҳиссалом борҳо ба василаи малоика бар Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи хабари шаҳодати Имом Ҳусайнро мерасонад ва он ҳазрат низ ҳар боре гиряҳо мекунанд ва хоки Карбалоро барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи меоваранд ва он ҳазрат он хокро мебӯянд ва мебӯсанд. Равшан аст ин воқеъият баёнгари ин аст, ки ин ҳаракати Имом Ҳусайн алайҳиссалом назди Худованди Мутаол дорои аҳамияти бузурге буда ва ҳаст, ки ингуна ба он пардохта аст.

Қабл аз пардохтани ба ин муҳим, бо шарҳи ҳоли Имом Ҳасану Имом Ҳусайн ва фазоили онҳо ошно хоҳем шуд то аз ин ҷиҳати ҷойгоҳи онҳо назди Ислом низ огоҳ бишавем.

Албатта ғайр аз ахбору аҳодисе, ки инҷо хоҳед хонд аҳодиси ом дар бораи Аҳли Байт алайҳимуссалом низ фаровон ворид шуда, ки ун

аҳодису фазоил низ шомили Имом Ҳасану имом Ҳусайн алайҳимассалом низ мешаванд монанди

1. Салавот. Ислом муслимин аз саҳоба ва ғайри саҳобаро амр фармуда то дар намозу ғайри намоз ҳамеша ҳамроҳ бо Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи бар Оли он ҳазрат низ салавот бифристанд, ки ин ҳукми Ислом шомили Имом Ҳасану Имом Ҳусайн алайҳимассалом низ хоҳад шуд.

2. Аллоҳи Мутаол дар Қуръон муҳаббати Аҳли Байтро бар уммати Ислом фарз кардааст, ки Имом Ҳасану Имом Ҳусайн алайҳимассалом низ машмули онанд.

3. Дар ояи Татҳир Худованди Мутаол аз маъсум будани Аҳли Байт хабар дода, ки Имом Ҳасану Имом Ҳусайн алайҳимассалом низ аз ҷумлаи онҳо ҳастанд.

4. Дар ояи 7 сураи Раъд Худованди Мутаол аз ин ки дар ҳар қавму замоне ҳидоятгаре хоҳад буд хабар дода ва дар ҳадиси мутавотир Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи фармудаанд, ки Алӣ ҳидоятгари ин уммат аст. Равшан аст, ки Имом Ҳасану имом Ҳусайн дар ин ояи шарифа баъд аз ҳазрати Алӣ алайҳиссалом ҳидоятгарон уммат хоҳанд буд ва ҳамчунин оёти Вилоят ва... .

5. Дар ояи Мубоҳила Худованди Мутаол хабар дода, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи

Имом Ҳасану Имом Ҳусайнро бо худ ба мубоҳила бурданду оя дар ин бора нозил шудааст.

## ФАСЛИ АВВАЛ
## ФАЗОИЛИ МУШТАРАКИ Имом ҲАСАНу Имом ҲУСАЙН

### *Ҳасан ва Ҳусайн маҳбубтарин аҳли Паёмбари Акрам*

**عن أنس بن مالک انه سئل رسول الله صلی الله علیه وآله أی أهل بیتک أحب إلیک قال الحسن والحسین وکان یقول لفاطمة أدعی أبنی فیشمهما ویضمهما إلیه.**

Анас аз Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ) пурсид, ки кадом як аз аҳли байтатонро бештар дӯст доред? Паёмбари Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ) фармуданд: Ҳасан ва Ҳусайнро. Пайваста ба Фотима мефармуданд: “Фарзандонамро ба назди ман бихон. Ва Ҳасану Ҳусайнро ба оғуш гирифта мебӯиданд ва ба худ мечаспонданд”.[1]

---

[1]. Саҳеҳи Тирмизӣ, ҷ 5, саҳ.657, р 3772. Муснади Абуяъло ҷ. 7, саҳ.274, р. 4294. Сияру аълом-ун-нубало ҷ. 3, саҳ.252.

## Имом Ҳасану Имом Ҳусайн сарвари ҷавонони аҳли биҳишт

**قال رسول الله صلى الله عليه و آله: الحسن و الحسين سيِّدا شباب أهل الجنَّة.**

Паёмбари гиромии Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ) фармуданд: "Ҳасан ва Ҳусайн сарвари ҷавонони аҳли биҳишт ҳастанд".[1]

Ин ҳадис аз Амиралмуъминин Алӣ, Имом Ҳусайн, Ибни Аббос, Ибни Масъуд, Умар ибни Хаттоб, Ҳузайфа, Ҷобир, Абӯвоил, Барроъ, Абусаиди Худрӣ, Усома, Ибни Умар, Абуҳурайра, Умми Салама ва Зайд ибни Арқам ривоят шудааст.

Албонӣ ин ҳадисро мутавотир гониста ва гуфтааст: Муновӣ низ ин ҳадисро мутавотир донистааст.

---

1. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ. 5, саҳ.321, р. 3757-3758. Муснади Аҳмад ҷ. 3, саҳ.3-62, р. 11012 11612 ва 11636 ва 11794 ва ҷ. 5, саҳ.391, р. 23377 ва 23378. Муъҷам-ул-кабир ҷ. 3, саҳ.35, р. 2598 то 2618. Муъҷам-ул-авсат ҷ. 2, саҳ.347, ҷ. 4, саҳ.325, ҷ. 5, саҳ.283, ҷ. 6, саҳ.10-238. Ҳилят-ул-авлиё, ҷ. 5, саҳ.71. Таърихи Бағдод, ҷ. 11, саҳ.90. Ахбори Исфаҳон, ҷ. 2, саҳ.231. Мусаннаф Ибни Абушайба ҷ. 6, саҳ.381, р. 32167, ҷ.7, саҳ.512, бо се санад. Сунани куброи Насоӣ ҷ. 5, саҳ.149, р. 8525 то 8527. Саҳеҳи Ибни Ҳиббон ҷ. 15, саҳ.413. Мустадраки Ҳоким, ҷ. 3, саҳ.381. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ. 9, саҳ.182 то 184. Аҳодиси саҳеҳаи Албонӣ, ҷ. 2, саҳ.295, р. 796.

## Онҳо сарвари ҷавонони биҳиштанд падаршон беҳтар аз онҳост

قال رسول الله صلى الله عليه و آله: الحسن والحسين سيِّدا شباب أهل الجنَّة وأبوهما خيرٌ منهما.

Паёмбари гиромии Ислом (саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ) фармуданд: "Ҳасан ва Ҳусайн сарвари ҷавонони аҳли биҳишт ҳастанд ва падарашон аз он ду беҳтар аст".[1]

Ин ҳадис бо ин лафз аз Амиралмуъминин Алӣ алайҳиссалом, Салмон, Ҳузайфа, Ибни Масъуд, Бурайда, Абусаиди Худрӣ, Анас, Қуррат ибни Аёс, Молик ибни Ҳувайрис, Ибни Умар, Алии Ҳилолӣ ва Ҳасани Басрӣ ривоят шуда ва ин лафз низ мутавотир аст.

Ҳоким ва Заҳабӣ санади Ибни Масъудро саҳеҳ донистаанд ва Ҳайсамӣ дар бораи санади Қуррат ибни Аёс ва Молик сухане гуфта, ки ҳасан будани

---

[1]. Сунани Ибни Моҷа, ҷ. 1, саҳ.44, р. 118. Мустадраки Ҳоким, ҷ. 3, саҳ.182, р. 4779-4780. Муъҷам-ул-кабири Табаронӣ ҷ. 3, саҳ.39-65, р. 2617-2678. ҷ. 19, саҳ.292, р. 650 Таърихи Бағдод ҷ. 1, саҳ.140. Исобаи Ибни Ҳаҷар ҷ. 6, саҳ.320. Маҷмаъ-уз-завоид ҷ. 9, саҳ.182-183 бо се санад. Таърихи Ибни Касир, ҷ. 8, саҳ.39. Канз-ул-уммол, ҷ.Таърихи Ибни Асокир, ҷ. 13, саҳ.208 ва 211 панҷ санад ва ҷ. 34, саҳ.447 ва ҷ. 42, саҳ.43. Аҳодиси саҳеҳаи Албонӣ, ҷ. 2, саҳ.295, р. 796.

он ду санадро мерасонад. Албонӣ дар ҳошияи Сунани Ибни Моҷа санади Ибни Умарро саҳеҳ дониста ва дар "Саҳеҳи Ҷомеъ-ус-сағир" (ҳадиси шумораи 47) ҳадиси Амиралмуъминин алайҳиссалом ва Ибни Умарро ва дар ҳадиси шумораи 3180 ривояти Ибни Умар, Қуррат ибни Аёс, Молик ва Ибни Масъудро саҳеҳ дониста ва дар китоби "Аҳодиси саҳеҳа"-аш санади Ҳузайфаро дар шавоҳид солеҳ дониста ва дар охир гуфтааст: Ин ҳадис бо зиёдаи (ва падарашон беҳтар аз он дуст) саҳеҳ ва собит аст.

Таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ин лафзи ҳадис низ ки мутавотир аст, вале яке аз ваҳҳобиҳо ба номи Абдураҳмон Муҳаммад Саиди Дамишқӣ бо зикри се санад (ду санаде, ки мо ҳасан донистем ва санади дуввуми Ҳокимро, ки Ҳоким барои санади аввал шоҳид оварда ва Заҳабӣ онро заиф дониста) ҳукм бар заъфи асли ин ҳадис бо ин лафз кардааст! Албатта суханони беасосу аҷиб гуфта, ки баъд аз таъкиди Албонии ваҳҳобӣ бар сиҳҳати ин ҳадис, дигар ниёз ба зикру нақди дурӯғҳои вай нест.